*Ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-013*
*назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,*
*бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*
*(735700, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17,*
*бинои 1)*

## ТАҚРИЗИ

**мукарризи расмӣ – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Расулов Додулло Тоҷиддинович ба диссертатсияи Ҷураев Мехроҷ Бобоқулович дар мавзӯи "Ташаккули рақобатнокии низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумхурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)**

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар низоми иқтисодии муосир таъминоти рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа яке аз масъалаҳои муҳими таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ маҳсуб меёбад.

Барои таъмини муносибатҳои иқтисодӣ ва рушди бемайлони онҳо ташаккули фазои рақобат зарур мебошад. Рақобатнокӣ бо мурури замон ҳамчун шарти асосии устувории фаъолияти низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла минтақаҳо баромад карда, боиси ташаккул ва рушди афзалиятҳои рақобатӣ, фаъолгардонии иқтисодӣ, беҳтарсозии некуаҳволии аҳолӣ, истифодаи нисбатан самаранок ва оқилонаи захираҳои иқтисодии минтақаҳо гардидааст.

Шароити имрӯзаи муносибатҳои иқтисодӣ аз олимони соҳаи иқтисодӣ таҳқиқотҳои муассирро тақозо менамояд. Бинобар он, масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии минтақа ҳоло ҳам нокифоя мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд, зеро то оғози ислоҳотҳои бозорӣ, яъне дар давраи иқтисодиёти амрию нақшавӣ минтақаҳо танҳо аз ҷиҳати ҷойгиршавии захираҳои истеҳсолӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, ҳамчун субъекти мустақили хоҷагидорӣ эътироф карда намешуданд. Аммо дар даврони соҳибистиқлолии низоми иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо амалӣ

намудани ислоҳоти бозорӣ, сиёсати "дарҳои кушод" дар муносибатҳои иқтисодӣ кӯшишҳои зиёд оид ба ободкориву созандагии кишвар, баланд бардоштани сатҳи зиндагонии мардум, ҳар як минтақа бояд мавқеъ ва саҳми худро дошта бошад. Зеро тавассути таъмини фаъолияти самаранокии иқтисодии минтақаҳо дар маҷмуъ рақобатпазирии кишвар муяссар мегардад. Аз ин лиҳоз, яке аз масъалаҳои меҳварии илми муосири иқтисодӣ – ин тадқиқоти ҳамаҷонибаи падидаи «рақобатпазирии минтақавӣ», муайян намудани омилҳои тавсифотии он ва дар ин замина коркард намудани усули арзёбӣ, методикаи баҳодиҳӣ ва тарзу усулҳои баланд бардоштани сатҳи рақобатнокии субъектҳои хоҷагидории иқтисодиёти ватанӣ ба шумор меравад.

Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқ намудани масъалаи таъмини рақобатпазирии минтақавӣ яке аз равияҳои илмии мубрам ва муосири таҳқиқот мебошад, ки Ҷураев М.Б. пайгирии масъалаи мазкурро дар доираи мавзуи "Ташаккули рақобатнокии низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" мавриди таҳқиқ қарор додааст.

**Сатҳи таҳқиқи илмии мавзуи диссесртатсия ва дараҷаи асосноккунии он.** Муҳаққиқ дар диссертатсия воситаҳои методӣ ва усулҳои мукаммали таҳқиқоти илмии муосирро истифода кардааст, ки онҳо асоснокии натиҷаҳои таҳқиқотро тасдиқ мекунанд.

Истифодаи усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ, маълумот аз манбаъҳои зарурӣ, ҳаҷми кифоягии маводи ба таҳқиқ фарогирифташуда имкон додааст, ки саҳеҳии хулоса ва тавсияҳои аз натиҷаи диссертатсия бадастомада мукаммал бошанд.

**Дараҷаи асоснокии маънидоди илмӣ ва навгонии илмии диссертатсия.** Таҳлили диссертатсия нишон дод, ки дар натиҷаи гузаронидани тадқиқоти илмӣ муаллиф ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гаштааст, ки он барои

инкишоф додани  назария ва амалия доир ба рақобатпазирии низоми иқтисодиёти минтақавӣ саҳми муайян мегузорад.

Натиҷаҳои назаррасе, ки мундариҷаи навгонии илмиро инъикос менамоянд, аз инҳо иборат мебошанд:

- консепсияҳои илмии рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа низомбандӣ гардида, дар заминаи он тасҳеҳ ба мундариҷаи рақобатпазирии иктисодиёти минтақа ворид карда шудааст. Муаллиф муайян кардааст, ки "рақобатнокии иқтисодиёти минтақа ин қобилияти маҷмӯавии мусоиди истеҳсолӣ, молиявӣ ва содиротии минтақа буда, дар сатҳи баланди фаъолнокии иқтисодӣ, ҷозибияти инвеститсионӣ, некуаҳволии шоистаи аҳолӣ, самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, табиӣ, сармоявӣ инъикос ёфта, ҷараёни истеҳсолот ба талаботҳои ҳам бозори дохилӣ ва ҳам бозори беруна ҷавобгӯ мебошад";

- мавҷудияти усулҳои мухталифи арзёбии вазъи рақобатпазирии минтақа бо далелҳои қавӣ исбот карда шуда, дар асоси он бартарияти услуби интегралии арзёбӣ асоснок карда шудааст. Алгоритми арзёбии рақобатпазирии иктисодии минтақа коркард карда шудааст, ки пайдарҳамии амалҳои муайянро инъикос менамояд;

- таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба таъмини рақобатпазирии минтақа, низомбандӣ гардида,  мавриди таҳқиқ  қарор дода шуда, дар ин замина мақбулияти амалияи мамолики хориҷӣ  ошкор карда шудааст. Муайян гардидааст, ки дар кишварҳои хориҷа бахри таъмини рақобатнокӣ бештар ба фаъолияти маркетинги ҳудудӣ такя менамоянд, киин амал  дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мақбулият дорад;

- рақобатнокӣ дар асоси нишондиҳандаҳои фаъолнокии иқтисодӣ ва ҷозибияти инвеститсионӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва вилоят раддабандӣ карда шудааст;

- дар асоси нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолӣ, ҳамзамон истифодаи самараноки захираҳо рақобатнокии минтақаҳои кишвар ва шаҳру ноҳияҳои вилоят арзёбӣ гардидаанд;

- ҳисоби шохиси интегралии рақобатнокии минтақаҳо дар асоси якҷоя кардани қисмҳои таркибии он асоснок карда шудааст;

- низоми чорабиниҳои ташкилӣ-идоракунӣ оид ба таъмини рақобатнокии иқтисодиёти ҳудудҳои маъмурии минтақавӣ, аз ҷумла коркард ва татбиқ стратегияи маркетингии минтақавӣ пешниҳод шудааст.

Навгониҳои илмии диссертатсия дар таҳияи асосҳои назариявӣ, тавсияҳои методӣ ва амалӣ доир ба такмили низоми рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа мусоидат мекунад.

**Мазмуни диссертатсия.** Аз таҳлили таҳқиқоти диссертатся бармеояд, ки муаллиф дар назди худ мақсад гузоштааст, то асосҳои назариявию методии рақобатнокии иқтисодиёти минтақавиро инкишоф дода, дар асоси он тавсияҳои илмию амалиро ҷиҳати ташаккул додани он дар шароити муосир коркард намояд.

Бо ин мақсад, унвонҷӯ дар назди худ як қатор вазифаҳоро гузоштааст, ки онҳо бо: таҳқиқи ҷанбаҳои илмӣ, ҳамзамон мундариҷаи иқтисодии мафҳуми рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа дар шароити муосир; асосноккунии равишҳои методӣ оид ба арзёбии сатҳи рақобатнокии минтақа дар илми муосири иқтисодӣ; омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ оид ба механизмҳои таъминкунии рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа; таҳлили ҳолати рақобатпазирии минтақа аз нуктаи назари ҷолибияти инвеститсионӣ ва фаъолнокии воҳидҳои ҳудудию маъмурии ҷумҳурӣ ва вилояти Суғд; арзёбии рақобатпазирии минтақа тибқи нишондиҳандаи сатҳи зиндагии аҳолӣ ва самаранок истифодабарии захираҳо; муайян намудани шохиси маҷмӯавии (умумии) рақобатнокии минтақаҳои ҷумҳурӣ, шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатии маҳаллӣ бахри ноил шудан ба рақобатпазирӣ; коркард ва пешниҳоди тавсияҳо оид ба такомули механизми таъмини рақобатпазирӣ дар минтақаҳо алоқамананд.

Дар боби якум - “Асосҳои назариявии таҳқиқи ташаккули рақобатнокии минтақавӣ” аз ҷониби муаллиф ҷанбаҳои илмӣ ва

мундаричаи иктисодии ракобатнокии минтақа дар шароити муосир, равияи методии баходихии вазъи ракобатнокии иктисодиёти минтака, тачрибаи давлатхои хоричӣ оид ба ташаккули рақобатнокӣ дар иктисодиёти минтақа мавриди омӯзиш қарор дода шудааст (С.16-74).

Дар ин қисмати кор, ки хусусияти бештар назариявӣ дорад, мазмуну мундаричаи рақобатпазирии минтақа таҳлили мукоисавӣ карда шуда, назари худи муаллиф ба ин падида муайян гардидааст. Тибқи он "рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа ин қобилияти маҷмӯавии мусоиди истеҳсолӣ, молиявӣ ва содиротии минтақа буда, дар сатҳи баланди фаъолнокии иқтисодӣ, ҷозибияти инвеститсионӣ, некӯаҳволии шоистаи аҳолӣ, самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, табиӣ, сармоявӣ инъикос ёфта, ҷараёни истеҳсолот ба талаботи хам бозори дохилӣ ва ҳам бозори беруна ҷавобгӯ мебошад"(С.29-30).

Муаллиф алоқамандии предметҳои рақобат, омилҳои тараққиёт ва арзёбии сатҳи рақобатпазирии минтақаро дар доираи гурӯҳҳои аҳолӣ, корхонаҳо, бизнеси хурду миёна, сармоягузорон ва сайёҳон муайян кардааст (С.34). Ҳамчунин ҳадафҳои идоракунии рақобатпазирии минтақаро ба локалӣ, ҷумҳуриявӣ ва глобалӣ ҷудо намуда, низоми минтақавии гузориши мақсадҳои идоракунии рақобатпазирӣ пешниҳод кардааст (С.35).

Ба андешаи муаллиф, сатҳи интегралии рақобатпазирии минтақа нишондиҳандаи нисбӣ (коэффитсиент) ба хисоб рафта, бузургии он набояд аз ҳудудҳои он ва шумораи аҳолӣ вобастагӣ дошта бошад. Ба назари муаллиф, бузургии нишондиҳандаҳои алоҳидаи рақобатпазирӣ ҳангоми арзёбии интегралӣ дар шакли воҳидҳои ченакӣ, бо нишондодҳои нисбӣ ифодашуда, яъне: бузургиҳои сарикасӣ, суръат, ҳиссавӣ ва баъзан дар намудҳои истисноӣ – баҳои холҳоро дар бар мегиранд.Дар ин замина муаллиф нишондиҳандаҳои арзёбии интегралиро ба низом дароварда, дар шакли ҷадвал таҳия намудааст

(С.38).

Дар диссертатсия дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ таъмини рақобатнокии минтақаҳо бо роҳи ташаккул додани кластерҳои гуногун, аз ҷумла кластерҳои инноватсионию саноатӣ асоснок карда шудааст. Муаллиф дар ин ҷода аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта, ба монанди ИМА, Италиё, Ҳоланд, Британиёи Кабир, Ҳиндустон, Фаронса, Дания, Олмон, Финландия, Норвегия, Шведсия ҳамчун давлатҳои пешқадам мисол овардааст (С.61-74).

Дар боби дуюм - "Ҳолат ва тамоюли таъмини рақобатнокӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд" рақобатнокӣ дар самти ҷолибияти инвеститсионӣ ва фаъолнокии минтақавӣ, сатҳи зиндагии аҳолӣ ва самаранок истифодабарии захираҳо, ҷузъи таркибии рақобатнокӣ дар минтақа, арзёбии маҷмуавии рақобатнокии минтақа ва фаъолияти ҳокимияти маҳаллӣ дар таъмини он таҳлил карда шудаанд (С.75-127).

Диссертант дар натиҷаи таҳқиқот ба хулосае мерасад, ки "вилояти Суғд тавассути ҷойгиршавӣ дар байни субъектҳои рушдёфтаи саноатӣ ва минтақаҳои афзалноки ашёӣ, инчунин манзараҳои кӯҳӣ, таъминоти робитаҳои иқтисодӣ байни дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ дорои иқтидори бузурги хоҷагидорӣ буда, барои мамлакат аҳамияти стратегӣ дорад".

Муаллиф барои инъикоси ҳолати рақобатпазирии вилояти Суғд ба нишондиҳандаҳои маҷмуи маҳсулоти минтақа ва динамикаи он ба ҳар нафар аҳолӣ дар солҳои 2000-2020, маҷмуи маҳсулоти минтақа ва динамикаи он ба ҳар нафар аҳолӣ дар солҳои 2000-2020, нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти ташкилоту корхонаҳои вилояти Суғд, маълумотҳои умумӣ оид ба фаъолияти корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ дар вилояти Суғд, ҳаҷми хизматрасониҳои пулӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, сармоягузориҳои асосӣ ба сари аҳолӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳиссаи сармоягузориҳо дар маҷмуи маҳсулоти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаҷми

сармоягузориҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, ҷолибияти инвеститсионӣ ва фаъолнокии минтақаҳои ҷумҳурӣ ва шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар соли 2020 рӯ оварда, онҳоро мавриди таҳлил қарор додааст.

Бо мақсади инъикос намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва самаранок истифодабарии захираҳо ҷузъи таркибии рақобатнокӣ дар минтақа аз ҷониби муаллиф ба нишондиҳандаҳои таъмини аҳолӣ бо манзил ба ҳисоби миёнаи як нафар истиқоматкунанда (дар охири сол, аз масоҳати умумӣ бо метри мураббаъ, солҳои 2015-2020), ба истифода додани хонаҳои истиқоматӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд (аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоя, ҳазор метри мураббаъ), нишондиҳандаҳои калидии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар вилояти Суғд барои солҳои 2000-2020 аз рӯи маҳакҳои музди меҳнати миёнамоҳонаи коргарони корхона ва ташкилот, ҷамъи даромад ба ҳар нафар аҳолӣ, хароҷотҳо барои 1 аъзои хонавода дар моҳ, индекси нархҳои истеъмолӣ; афзоиши даромади пулии аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагии аҳолии минтақаҳои мамлакат ва шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар соли 2020, нишондиҳандаҳои мавҷудият ва самаранокии истифодаи захираҳои дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар соли 2020, нишондиҳандаҳои асосии гардиши савдои берунии вилояти Суғд дар солҳои 2016-2020, шумораи субъектҳои соҳибкории инфиродӣ

( соҳибкорони инфиродӣ) дар вилояти Суғд таваҷҷуҳ карда шуда, мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дар арзёбии маҷмуавии рақобатнокии минтақа муаллиф пешниҳод менамояд, ки аз рӯи амсилаи коркардшудаи олимони рус Л.И. Ушвитский ва В.Н. Парахина равиши методии муайян истифода бурда шавад, ки он то як андоза ҷолиби диққат аст. Тибқи он дар доираи таҳқиқи нишондиҳандаҳои ҷолибияти инвеститсионӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ

ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои интегралии маҷмуавӣ имконпазир мегардад (С.111).

Аз рӯи таҳлилҳои худ муаллиф дуруст ба хулоса омадааст, ки мақомоти минтақавии ҳокимият ва идоракуниро зарур аст, то боз ҳам сиёсати асоснокшударо барои баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа бо истифода аз афзалият ва захираҳои мухталифи ба иқтисодиёт алоқаманд, равона сохта ба ташаккули комплекси муқтадири илмӣ-техникӣ ва истифодаи донишҳои иқтисодӣ асосёфта шароити мусоид фароҳам оварад.

Дар боби сеюм – "Такомули механизми таъмини рақобатнокии минтақавӣ" самтҳои афзалиятноки танзими давлатӣ оид ба таъмини рақобатнокии минтақа муайян карда шуда, дар ин радиф маркетинги ҳудудӣ чун стратегияи таъмини рақобатнокии минтақа асоснок карда шудааст (С. 128-155).

Дар ин ҷода муаллифи диссертатсия алгоритми мақомотҳои ҳокимияти минтақавиро дар доираи баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа таҳия намудааст. Истифодаи алгоритми пешниҳодшуда ба мақомотҳои минтақавии ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ имконият медиҳад, ки онҳо иттилооти пурра ва боэътимодро барои ҳалли вазифаҳои ҷорӣ ва дарозмуҳлати рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа аз ҳисоби истифодаи шаклҳо ва усулҳои муосир ва пешқадам ба даст оранд. Иттилооти мазкур дар раванди идораи рақобатпазирии минтақа васеъ истифода шуда, сатҳи баланди онро таъмин менамоянд.

Муаллифи диссертатсия бар он назар аст, ки рақобатпазирии минтақа дар натиҷаи ташаккули рақобатпазирии кулли унсурҳои он ташаккул меёбад. Ӯ муқараррар менамояд, ки рақобатнокии минтақаро метавон дар асоси расидан ба натиҷаҳои зерин баланд бардошт: ҳангоми ноил гардидан ба сатҳи баланди зиндагонии аҳолӣ

(рақобатпазирии аҳолӣ); амалкарди самараноки механизми хоҷагидории минтақа (рақобатпазирӣ дар бозорҳои молӣ ва рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидорӣ); ҷолибияти инвеститсионӣ (рақобатпазирӣ дар бозори сармоя ё рақобатпазирии молиявӣ); самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ (рақобатпазирии субъектҳои соҳибкории хурд); ҷолибияти сайёҳии ҳудудҳои минтақа (рақобатпазирии бозорҳои хизматрасонии сайёҳӣ).

Хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда дар доираи таҳқиқот дуруст баровардa шуда, аҳамияти илмию амалӣ доранд.

Феҳристи адабиёти истифодашуда (С.160 – 175) аз санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва расмии соҳавӣ, монографияҳою китобҳои дарсӣ ва ҳамчунин интишороти довталаб аз рӯи мавзуи таҳқиқшаванда иборат аст.

**Саҳми муаллиф дар ҳаллу фасли масъалаҳои илмӣ дар доираи мавзуи тадқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар ҷамъбасткунӣ, ташаккули рақобатнокии низоми иқтисодии минтақа ифода гардида, самтҳои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа ифода гардидааст.

Дар натиҷаи тадқиқоти анҷомдодаи муаллиф усулҳои баланд бардоштани рақобатнокии иқтисодиёти минтақа аз нуқтаи назари илмӣ бо далелҳои босубот исбот гардидаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои тадқиқот.** Нуктаҳои назариявии дар диссертатсия овардашударо метавон барои рушди фазои рақобат ва таъминоти рақобатнокии иқтисодиёти минтақа истифода намуд. Натиҷаҳои назариявии бадастовардашударо метавон дар таҳқиқоти илмие, ки дар самти ташаккули рақобатнокии низоми иқтисодии минтақа иҷро карда мешаванд, истифода намуд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муқаррароти асосӣ ва тавсияҳои матраҳгардидаи таъминоти рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа метавонанд дар таҳияи барнома ва стратегияҳои

рушди иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди татбиқ қарор дода шаванд.

**Камбудиҳои асосӣ ва эродҳо дар диссертатсия.** Дар баробари тарафҳои мусбии диссертатсия дар он норасоиҳо низ ҷой доранд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф муфид хоҳад гардид:

1. Дар диссертатсия оид ба корҳои олимони ватанӣ, ки андешаҳои гуногун оид ба рақобатпазирии низоми иқтисодии минтақаро мавриди баррасӣ қарор доданд, кам ба назар мерасад;
2. Дар мавриди овардани таърифоти мухталифи мафҳуми "рақобатпазирии минтақа" (ҷадвали 1.4, саҳ. 29-30) баррасии ақидаҳои олимони ватанӣ нопурра мавриди таҳлили танқидӣ қарор гирифтааст. Хуб мебуд, агар муаллиф нуқтаи назари муаллифонро ҷамъбаст сохта, консепсияи мушаххасро пешниҳод менамуд;
3. Дар диссертатсия расму ҷадвалҳо бисёранд, ки ин хубаст. Лекин истифодаи шаклҳои замонавии инъикоси рақамҳо, ба монанди диаграмма, гистограмма ва амсоли онҳо метавонист пешниҳоди маълумотро возеҳтар гардонад.
4. Тавсияҳо оиди истифодаи амалии натиҷаҳо (саҳ.158-159) ба таври аниқ ва конкретӣ гирд оварда шудааст. Хуб мешуд, агар самараи онҳо пешгӯӣ карда мешуд, чун сифати мундариҷаи кор боз ҳам баландтар мегардид.
5. Дар диссертатсия баъзан хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои зикргардида моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияро кам намекунанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

Автореферат ва корҳои чопшуда ба пуррагӣ таркиби диссертатсияро дар бар мегиранд.

Натиҷаи илмӣ, хулосаю тавсияҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маводҳои конфронсҳои илмӣ-амалӣ ба нашр расидаанд.

**Хулосаи умумӣ.** Дар маҷмуъ, диссертатсия дар мавзуи "Ташаккули рақобатнокии низоми иқтисодии минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)" кори илмӣ-тадқиқотии мустақилона анҷомёфта дониста шуда, он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад.

Аз ин рӯ, муаллифи диссертатсия Ҷураев Меҳроҷ Бобоқулович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи баҳисобгирии
бухгалтерии Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон Расулов Додулло Тоҷиддинович

Имзои Расулов Д.Т. -ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э. Ш.

28.11-22

Суроға:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ 17
Телефон: +992902219090
E-mail: dodullo@mail.ru